**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24.07.2026, №88**

Барои сазовор донистани Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 21 майи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №111 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ, 09-уми марти соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ унвонҷӯйи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ соли 2012 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯйи ихтисоси математика-информатика, рӯзона ва соли 2020 зинаи магистратураро дар Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм намудааст. Пас аз хатми магистратура Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз (қаблан, 08.00.10 – Молия, муомилоти пул ва қарз) қабул карда шуда, соли 2023 онро хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2021, протоколи №9/5.9 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Баҳрулло Раҳмон таъин шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Давлатзода Баҳрулло Раҳмон** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Ризозода Тӯра Раббим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**- Қурбонов Вафо Намозалиевич** – доктори фалсафа (PhD), муовини декан оид ба таълими факултети молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -** дар тақризи худ, ки аз ҷониби доктори фалсафа (PhD)-и кафедраи молия ва суғурта Саъдуллозода Сафарбек Саъдулло таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва суғурта баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №11, аз 10.06.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин санаи 11.06.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *Дар маҷаллаҳои тақризшаванда*

[1-М]. Хушвахтов, Д.С. Моҳият ва аҳамияти механизмҳои молиявии рушди идоракунии таваррум [Матн] / Дилшод Сангалиевич Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2023. №2. УДК 336.02. Саҳ.192-197. ISSN 2413-5151

[2-М]. Хушвахтов, Д.С. Мақоми низоми идоракунии таваррум дар рушди иқтисоди минтақа [Матн] / Дилшод Сангалиевич Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2023. №9. ТДУ: 336.02 Саҳ.91-96. ISSN 2413-5151

[3-М]. Хушвахтов, Д.С. Такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Дилшод Сангалиевич Хушвахтов, Саъдихуҷа Маъдиев // Паёми молия ва иқтисод. 2023. №3 (37). (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Саҳ.73-84. ISSN 2663-0389

[4-М]. Хушвахтов, Д.С.  Низоми муфидгардонии таъсири таваррум дар иқтисоди миллӣ [Матн] / Дилшод Сангалиевич Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2024. №4. Қисми I. ТДУ: 339.9(575.3) саҳ.146-157. ISSN 2413-5151

[5-М]. Хушвахтзода, Д.С. Муаммоҳо ва роҳҳои таъмини банизомдарории таносуби байни таваррум ва сатҳи зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Хушвахтзода, Б.Р. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 1(60), 2025. УДК: 336.76 (57 53). Саҳ. 233-239. ISSN 2707-8000.

[6-М]. Хушвахтзода Д.С. Нишондиҳандаҳои ташаккулёбӣ, хусусият ва имкониятҳои батанзимдароварии таваррум ҳамчун фишанги таъмини устувории иқтисоди миллӣ [Матн] / Д.С. Хушвахтзода, Б.Р. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод 2024/№4.2 (43) УДК:336. саҳ. 67-73. ISSN 2663-0389 https://www.vestnik.tgfeu.tj/tj

***Дар дигар нашрияҳо***

[7-М]. Хушвахтов, Д.С. Сиёсати зиддитаваррумӣ ва усулҳои назорати таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Дилшод Сангалиевич Хушвахтов / Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба Солҳои рушди саноат 2022-2026, шаҳри Душанбе, 6-уми майи соли 2023. саҳ. 307-314. ISBN 978-99985-870-7-6.

[8-М]. Хушвахтзода, Д.С. Асосҳои назариявии пайдоиш ва ташакулёбии таваррум дар шароити иқтисоди бозор [Матн] / Дилшод Сангалӣ Хушвахтзода / Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Идоракунии инноватсионӣ дар шароити тағйирёбии рақамӣ: зеҳни сунъӣ, молия ва дурнамои рушд», шаҳри Душанбе – 2025. – 334 с., 25-уми декабри соли 2025. С.289-291.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз Назаров А.А. – арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд** бо чунин эрод:

1. Истифодаи моделҳои муосири иқтисодӣ барои пешгӯии таваррум ва таҳлили таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ба равандҳои таваррумӣ, инчунин таҳлили асарҳои олимони хориҷи наздик ва ватанӣ метавонад таҳқиқотро боз ҳам ғанӣ гардонад.

**2. Тақриз аз Алиджанов Д.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”** бо чунин эрод:

1. Имкониятҳои маҳдуди ҳаҷми автореферат, эҳтимол, унсурҳои пулӣ ва коэффитсиенти мултипликатори пулиро пурра фаро гирифта натавонистанд, вале таҳлили онҳо ҷанбаҳои амалии кори тадқиқотиро боз ҳам қавӣ мегардонид.

**3. Тақриз аз Маҳмадалӣ Б.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба танзими равандҳои таваррумӣ тахти омӯзиш қарор дода шудааст, вале имкониятҳои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода нашудааст.

2. Дар ҷадвали 5 автореферат усулҳои ҳисобкунии сатҳи таваррум оварда шудаанд, агар усулҳои мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои воқеӣ ҳисоб карда мешуданд, сифати кор боз ҳам баланд мешуд.

**4. Тақриз аз Мирзоалиев А.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар расми 1 алоқамандии зичи таваррумро бо хароҷотҳои истеҳсолӣ, ки боиси баландшавии нархҳо мегардад, нишон додааст, аммо нуктаи назари худро пурра тавзеҳ надодааст.

2. Агар дар автрореферат роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас нишон дода мешуд, сатҳу сифати автореферат боз ҳам беҳтар мегардид.

Ҳамаи тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- асосҳои назариявӣ** ва амалии механизми молиявии идоракунии раванди таваррум ва зарурати принсипиалии такмили ин механизм аниқ карда шуда, идоракунии ҷараёнгирии таваррум дар шароити номутаносибии шадид дар соҳаи муносибатҳои молӣ ва пулӣ ҳамчун объекти таҳқиқ интихоб шудааст. Илова бар ин, муаллифи рисолаи илмӣ дар сатҳи зарурӣ вобаста ба омӯзиши асарҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин дар такя бо таҷрибаи муваффақи хориҷӣ як қатор хусусиятҳои хоси идоракунии молиявии таваррум ва зарурати онро дар шароити муосир муайян ва пешниҳод намуда, дар иловаи ин нуктаи назари муаллифиро низ пешниҳод намудааст.

**- исбот шудааст**, ки механизми молиявии идоракунии таваррум ҳамчун унсури муайянкунандаи сатҳи алоқамандии сиёсати молию пулии кишвар ба ҳисоб рафта, ба ин восита рушди шароити инфрасохтории таносуби миқдори молу маҳсулот ва пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**- пешниҳод шудааст:** а) роҳҳои тақвияти низоми ташкилию иқтисодии механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи доимии соҳа аз тарафи муаллиф бодарназардошти таҳлили паст намудани таъсири ҷараёнгирии таваррумӣ ба рушди иқтисоди миллӣ пешниҳод гардидааст; б)

роҳҳои арзёбии омории механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз имконияти навовариҳо танзим ва идоракунии бозорӣ тавассути нархҳо, арзиши аслии маҳсулоти рақобатпазир.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** *а)* сиёсати қатъии ҳамоҳанг ва мувофиқашуда яке аз самтҳои муҳимми муборизаи зиддитаваррумӣ барои Ҳукумати Тоҷикистон ва БМТ махсуб ёфта, бо татбиқи он дар муддати кӯтоҳ сатҳи таваррум коҳиш меёбад; б) чорабиниҳои танзими таваррум барои таъмини идоранамоии ҳаҷми пул ва маҳдудкунии он равона гардида, тақвияти рушди минбаъдаи он бо истифода аз коркардҳои муаллифӣ исбот ва пешниҳод шудааст; в) тавсияҳои амалӣ оид ба идоракунии таваррум ва ба омили рушду ҳавасмандкунандаи истеҳсолот табдил додани он пешниҳод гардидааст.

***- маҷмуи тадбирҳо барои дуруст идора кардани ҷараёнҳои таваррумӣ коркард ва пешниҳод шудааст:*** а) тавсеаи истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ; б) ба роҳ мондани шартномаҳои содиротӣ бо кишварҳои хориҷӣ; в) таваҷҷуҳи бештар ба истеҳсолоти молҳои содиротӣ; г) истифодаи таҷрибаи пешқадам дар самти идоракунии таваррум ва пешгирии он; д) васеъ кардани сарчашмаҳои воридоти асъори хориҷӣ ва зиёд кардани таносуби асъори хориҷӣ дар муомилот; е) дедолларизатсия ва зиёд кардани муомилоти байнидавлатҳо бо асъори кишварҳои шарик

***- истифода шуданд:*** маълумотҳои омории Бюллетенҳои омори бонкӣ, ҳисоботҳои солонаи Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо, интернет-захираҳо, коркардҳои муаллифӣ ва сарчашмаҳои дигар.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии бадастомада бо муҳтавои асосии таълимоти мактабҳои муосири илмии иқтисодӣ мувофиқат менамоянд ва таҳқиқот дар заминаи маълумотҳои расмии Бонки миллии Точикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба роҳҳои идоракунии таваррум иҷро шудааст.

***- исбот шудааст,*** ки таҳқиқи механизми молиявӣ бо дарназардошти хусусиятҳои равандҳои таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, ҳамчунин исбот карда шуд, ки раванди татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти сафарбар намудани усулҳои ояндабинӣ ва таҳлилҳои оморию эконометрикӣ ба роҳ монда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** илмие ҳамчун таҳкурсии таҳқиқот интихоб ва шарҳу тавзеҳ дода шудааст, ки тибқи он механизми идоракунии молиявии таваррум дар заминаи талаботҳои гуногуни соҳа ба истифодаи роҳу усулҳои алоҳидаи идоракунии таваррум шакл гирифта, самаранокии низоми ташкилию иқтисодии механизми молиявии

идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси рушди иқтисоди миллӣ мегардад. Ҳамчунин, арзёбии ҳолат ва вазъияти такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии раванди таваррум бо дарназардошти хусусиятҳои равандҳои таваррум, таҳлили вазъи ташаккулёбии иқтидори таваррум дар кишвар ва алгоритми арзёбии сохтори молу маҳсулоти ватании рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда, ба шумор меравад.

***- исбот шудааст:*** алоқамандии зичи байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз шаклҳо ва роҳҳои табиқи сиёсати зиддитаваррумӣ, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти вижаеро касб намудааст.

***- омӯхта шудаанд:*** асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва пешниҳодҳои муаллифӣ, идоракунии раванди таваррум дар рушди вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи муайян кардани сабабҳои пайдоиш ва равияҳои консептуалии танзими ҷараёни таваррум коркард шудааст.

- ***методикаи*** умумияти илмӣ дар таҳлил ва натиҷабарорӣ, давраи таҳқиқот, таҳлили илмӣ, муқоисаи нишондиҳанндаҳо ва хулосабарорӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, пешниҳоди гипотеза ва усулҳои ташхис гузаронида шуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Сармоягузорӣ», «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Фаъолияти бонкҳои инвеститсионӣ» ва ғайраҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади №22/251 аз 23 декабри соли 2024). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***консепсияҳои*** инкишоф ва рушди механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили таъсири ҷараёнгирии таваррумӣ ҳамчун унсури асосии рушди иқтисоди миллӣ асоснок карда шудааст ва камбудиву норасоиҳои ҷойдошта дар механизмҳои асосии ташаккули низоми молиявии идоракунии таваррум бо истифода аз имконияти нархҳо, арзиши аслии маҳсулоти рақобатпазир дар кишвар дар муқоиса бо таҳқиқи сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ баррасӣ гардида, дар заминаи он роҳҳои пешгирии таваррум пешниҳод шудаанд.

- ***стратегияи*** такмил додани сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуи тавсияҳои амалӣ оид ба хусусиятҳои такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ пешниҳод гардидаанд.

- ***ошкор гардиданд:*** а) нишондиҳандаҳои мустақим ва ғайримустақими бавуҷудоии таваррум; б) алоқамандии сифати сармояи инсонӣ бо таъсирбахшии идоракунии таваррум; в) муҳим будани пойгоҳи иттилоотӣ барои идоракунии дурусти равандҳои таваррумӣ; г) муайян карда шуд, ки аз мавқеи интизории таваррумӣ, мувофиқан эҳтимолияти баланди таъсиррасониро дар фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва молиявӣ ба амал оварда, хусусиятҳои хоси идоракунии раванди таваррумиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррум вобаста ба сабабҳои ба амал омадани таваррум, нақши низоми бонкии кишвар дар татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ, аҳаммияти сиёсати зиддиинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар идоракунии таваррум ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини рушди устувори иқтисодиро имконпазир гардонида, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ ва дастгирии истеҳсолоти дохилӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи тадбирҳои танзими таваррум баҳри таъмини идоранамоии ҳаҷми пул ва маҳдудкунии он дар қаламрави кишвар **пешниҳодҳо шудаанд**: 1).Мутобиқ ба сатҳи таваррум ва вазъи бозор пешниҳод намудани меъёри фоиз; 2).Маҳдуд намудани қарзҳои имтиёзнок ва дар амал ҷорӣ намудани низоми бозоргонии markaзнавтақсимкунии захираҳои қарзӣ аз тариқи музоядаи Бонки миллӣ; 3).Татбиқ намудани низоми маблағгузории касри буҷет аз тариқи интишор ва фурӯши саҳмияҳо; 4).Ба роҳ мондани фишангҳои танзимкунонӣ аз рӯйи ҳаҷми пули дар муомилотбуда тавассути БМТ.

***- усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 82,25% ва 97,21% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллифи рисолаи илмӣ дар исботи механизми молиявии идоракунии таваррум дар таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ саҳми арзанда гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиш муаллифи рисолаи илмӣ исбот намудааст, ки такмили механизми мубориза барои пешгирӣ ва камгардонии таъсири таваррум дар кишвар яке аз масоилҳои мубрам ба шумор меравад; 3) муаллиф исбот намудааст, ки рушди инфрасохтори истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда ҳамчун механизми муҳимми сиёсати зиддитаваррумӣ дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад; 4) дар омода намудани 8 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили механизми молиявии идоракунии таваррум саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои б1.1.3, б3.8.2, б3.8.3, б3.8.6, б3.8.7, б3.8.10, б3.8.12-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 аз санаи 24.07.2026 қарори сазовор донистани Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 14 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**24 июли соли 2026.**